СУХАНРОНИИ МАЛИКА ЗАҲРО ОҒОХОН ДАР МАРОСИМИ ХАТМИ ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОЛИ 2024

15 ИЮНИ СОЛИ 2024

*Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим*

Муҳтарам хонум Догдуркул Кендирбоева, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон,

Муҳтарам ҷаноби Саидзода Раҳим Ҳамро, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Муҳтарам ҷаноби Олтинбек Эргешов, Ҳокими вилояти Норин;

Муҳтарам ҷаноби Мирзонабот Алишер Худобердӣ, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Раиси Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, муҳтарам ҷаноби Шамш Кассим-Лакха ва аъзои Шӯрои Парасторон

Иҷрокунандаи вазифаи ректор муҳтарам профессор Кристофер Герри

Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ, муҳтарам, профессор Максим Хомяков

ва устодону кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ.

Донорҳо, шарикон, ризокорони ва дӯстони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ.

Волидайн, аъзои оила, меҳмонони гиромӣ ва махсусан хатмкунандагони соли 2024:

Маросими хатм дар ҳаёти донишгоҳ лаҳзаи фараҳбахш, марҳалаи муҳим ва ҳам оғози сафари нав барои хатмкунандагони он мебошад. Мутасифона шахсан ҳамроҳатон дар ин маросим ҳузур надорам, вале миннатдор аз онам ки имкони ирсол намудани табрикоти самимии худро ба шумо дорам ва хушҳолӣ ва фараҳмандии Канслери донишгоҳи мо, Волоҳазрат Оғохонро аз муваффақиятҳои шумо иброз менамоям.

Шумо бояд аз ин комёбиҳо ифтихор дошта бошед. Зеро Донишгоҳи Осиёи Марказӣ як муассисаи ҷавон аст ва умри он аз умри Шумо хатмкунандагони соли хатми 2024 зиёд нест ва дастовардҳои шумо на танҳо як меъёри баланд барои донишҷӯёни оянда аст, балки маҳорати моро дар иҷрои рисолатамон низ такмил медиҳад. Ман медонам, ки шумо ба Канслери донишгоҳ ва ман ҳамроҳ шуда, ба шахсони алоҳида ва муассисаҳое, ки дар фаъолияти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ саҳм гузоштаанд, ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони наҷиби мо, волидон ва аъзои оила, донорҳо, ризокорон, шарикон ва дӯстони мо дар саросари ҷаҳон арзи сипос намоем. Мо инчунин минатдории самимии худро ба ҳукуматҳои давлатҳои муассиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ баён менамоем, ки муҳити мусоидеро барои пешрафти донишгоҳ фароҳам оварданд.

Ман наметавонам, ки барои ҷашни маросими имрӯзаи шумо аз манотиқи баландкӯҳи Осиёи Марказӣ фазои илҳомбахштареро пайдо намоям. Муҳитҳои шигифтангез табиии кампусҳои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ фаротар аз як манзараанд. Онҳо моро водор мекунанд, ки оид ба робитаи ҷудонопазири байни рисолати донишгоҳ ва таҷрибаи хоси таълимии он дар муҳитҳои махсус мулоҳиза намоем.

Чунин мулоҳизаҳои муҳим заруранд, зеро ҳангоми сазовор ҷашн гирифтани маросими хатм аксари шумо шояд аз сафариояндаи худ биму ҳарос дошта бошед. Мо шоҳиди

таъсири мондагори пандемияи ҷаҳонӣ, низоъҳои геополитикӣ, ноустувории иқтисодӣ ва фурӯпошии ҷомеаҳоем. Мо дар замоне қарор дорем, ки бӯҳрони иқлимӣ барои ҳифзи сайёраи мо ва сифати зиндагӣ дар он фаъолияти ҳамоҳангшударо тақозо мекунад, вале нобоварӣ ба меъёрҳо ва ниҳодҳои мавҷуда меафзояд. Ва мо таъсири бузурги ин даврони номуайянро дар минтақаҳое мебинем, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар онҷо фаъолият менамояд.

Гарчанде ки ман ин ҳаросро дарк мекунам, боварӣ дорам, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ шуморо барои ин давра хуб омода кардааст. Эътимоди ман ба дидгоҳ ва рисолати бунёдии Канслери Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба таҳсилоти байнисоҳавӣ, омӯзиши таҷрибавӣ, тадқиқотӣ, навоварӣ ва кори иҷтимоист, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ онҳоро роҳандозӣ намудааст. Маҳз тавассути чунин амалҳо донишгоҳи мо кафолат медиҳад, ки омӯзгорон, донишҷӯён ва хатмкунандагони он дар ташаккули ҷомеаи пуриқтидори фарогир ва ҷаҳонии дониш нақши бориз дорад.

Дар «ҷомеаи дониш» сармояи зеҳнӣ бузургтарин сарчашмаи сарсабзӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагӣ аст ва иқтидори он бештар аз меъёру нерӯи муқаррарии замин, меҳнат, ашёи хом, сармояи ҷисмонӣ ё молиявӣ мебошад. Ба забони оддӣ агар инро баён намоем, бузургтарин захирае, ки ҷомеа метавонад дошта бошад, эҷодкорӣ ва маҳорати мардуми он аст. Ҳамаи ҷомеаҳо омӯхтани тавлиди донишро талаб мекунанд ва он ҳамеша дар шукуфоӣ ва некӯаҳволии иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. Аммо, аксари вақт, ҷомеаҳо барои пурра истифода бурдани нерӯи сармояи зеҳнии худ ва пайвастан ба шабакаҳои ҷаҳонии дониш бо монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ як ҷузъи муҳими ҷомеаи дониш аст. Дар баробари ин, сифату мӯҳтавои тадқиқот ва омӯзиш муҳим мебошад. Имрӯз барои як донишгоҳ тайёр кардани мутахассисони соҳаи маҳдуд ва ё омода намудани хатмкунандагон барои кор кофӣ нест. Аз ин рӯ, барномаи бакалаврии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба таълим ва ҳамгироии донишҳои байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ ва таҷрибавӣ мусоидат менамояд.

Сарфи назар аз соҳаи интихобкардаатон аз фаннҳои иттиллоти техникӣ, илми муҳити зист, иқтисод ё иртиботот, ҳамчун хатмкунандагон шумо қудрати бузургеро дар тафаккури интиқодӣ, мулоҳизаҳои бодалел ва бархурди созанда бо дидгоҳи мухталифро ба даст овардед. Шумо дар бораи олами табиӣ ва ҳам дар бораи нерӯ ва таҳдидҳои технологияҳои иттилоотӣ, ниҳодҳое, ки ҷомеаҳои муосирро идора менамоянд ва дар бораи заминаҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ, ки ин ниҳодҳо дар онҳо мавҷуданд, дониш андӯхтед.

Ҳалли мушкилоти таъхирнопазири тағирёбии иқлим ва таназзули муҳити зист ва беҳтар кардани сифати зиндагии ҳамаи одамон дар сайёра кӯшишҳои муттаҳидаи ҷомеаҳои ҳушмандро дар саросари олам тақозо мекунад. Ман боварӣ дорам, ки хатмкунандагони нави Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар сафи пеши ин талошҳо хоҳанд буд.

Ҷаҳони шуғл бо суръат тағйир меёбад ва ҳамаи мутахассисон бояд дониш, салоҳият ва малакаи худро мунтазам такмил диҳанд. Умедворам, ки таҳсилоти шумо дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар дили ҳамаатон ҳисси кунҷковӣ ва масъулияти омӯзиши доимиро бедор намуд. Дар ҳоле, ки шумо сафари омӯзишиатонро идома хоҳед дод, метавонед ба Мактаби таҳсилоти касбӣ ва давомдори мо, ки то имрӯз ҳудуди 250 000 донишомӯзро таълим додааст, муроҷиат намоед. Инчунин, боварӣ дорам, ки Мактаби олии рушд тавассути таҳқиқоти амиқ, густариш ва барномаҳои магистрии худ дар оянда метавонад барои бисёре аз шумо як нуктаи пайванди нав бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ гардад.

Бо вуҷуди ин, ки шумо кадом корро интихоб менамоед, ман умедворам, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ як маҳаки муҳими ҳаёт ва фаъолияти шумо боқӣ хоҳад монд. Аз ҳамсабақони собиқи худ ва ҷомеаи хурд, вале пурқуввати хатмкардагони донишгоҳатон кӯмак дархост намоед. Аз дониш, пойдорӣ ва гуногунии халқҳои Осиёи Марказӣ илҳом ҷӯед. Ҳангоми ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи истеъдоду дониши худ барои ҳифзи сайёраи мо ва сифати зиндагӣ дар он ин кӯҳҳои боҳашаматро ҳамеша дар хотиратон нигоҳ доред.

Вақте, ки шумо ба дунёи нав қадам мениҳед, бидонед, ки шумо на танҳо дипломи Донишгоҳи Осиёи Марказиро, балки масъулиятшиносӣ ва умеди аксари мардумро доред. Бигзор шумо роҳбарони бошуҷоат гардед ва ба атрофиёнатон дилсӯзона рафтор намуда, илҳомбахши онҳо бошед, то бо шумо дар сохтани ҷаҳони беҳтар ҳамроҳ шаванд.

Ташакур!